УДК-331
ББК-65.9(5т)24
Н 44

**ВУСЪАТИ ШАКЛ ВА ТАРЗҲОИ ПАРДОХТИ МЕҲНАТ ДАР МИНТАҚА**

***Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич*** *- докторанти PhD кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”*

**ФОРМЫ И ВИДЫ ОПЛАТЫ ТРУДА В РЕГИОНЕ**

***Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич*** *- докторант PhD кафедры управления экономикой и маркетинга ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд)*

**EXPANSION OF FORMS AND WAYS OF LABOR REMUNERATION IN THE REGION**

***Negmatov Shukrullokhon Lutfulloevit*** *- PhD Doctoral Student of the Department Economic, Management and Marketing under the SEI «Khujand State University named after academician B.Gafurov» (Tajikistan Republic, Khujand);*

***Вожаҳои калидӣ:*** *шакл, тарзҳои пардохти меҳнат, минтақа, саноатикунонии босуръати иқтисодӣ, такрористеҳсолкунӣ.*

*Дар мақола вусъати шакл ва тарзҳои пардохти меҳнат дар минтақаҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда мешавад. Муаллиф дар мақола таъкид менамояд, ки таҳлили низоми пардохти меҳнат бо муносибатҳои оқилонаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар пардохти меҳнат дар иқтисодиёти бисёрсоҳа дар асоси қонуни қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моликият» нишон медиҳад, ки шаклҳои мавҷудабудаи пардохти меҳнат, гарчанде ки аксаран анъанавӣ ва устувор мебошанд, бо вуҷуди ин метавонанд прогрессивӣ бошанд ва бо муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба танзим дароварда шаванд.Ба ақидаи муаллиф ин амал аз низоми кӯҳнаи тақсимоти даромад ва пардохти меҳнат тибқи баробаркунӣ дур шуданд ва гузаришро ба васеъ намудани шаклҳо ва усулҳои пардохти меҳнат дар робита бо хароҷоти меҳнат таъмин менамояд. Дар охири мақола муаллиф хулоса мекунад, ки саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёт, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва вусъати шаклу усулҳои муздро дар субъектҳои хоҷагидорӣ тақозо мекунад.*

***Ключевые слова:*** *формы и виды оплаты труда, регион, быстрая индустриализация, вторичное производство*

*В статье рассматривается вопрос о формах и видах оплаты труда в регионах Согдийской области Республики Таджикистан. Отмечается, что в многопрофильной экономике, функционирующей на основе Закона РТ “О собственности”, существующие формы оплаты труда, несмотря на их устойчивость и традиционность, могут быть прогрессивными и регулироваться социально-трудовыми отношениями. По мнению автора, необходимо отказаться от старой системы распределения прибыли и равноправной оплаты труда и обеспечить переход на более широкие формы и виды оплаты труда в зависимости от затрат труда. Быстрая индустриализация в экономике требует регулирования социально-трудовых отношений и расширения форм и методов оплаты в субъектах хозяйствования.*

***Key words:*** *forms and ways of labor remuneration, region, rapid economic industrialization, reproduction.*

*The article dwells on expansion of forms and ways of labor remuneration in the regions of Sughd viloyat under Tajikistan Republic. The author lays an emphasis upon the idea that the analysis of system of labor remuneration of with rational socio-labor relations in a diversified economy proceeded from the adopted Tajikistan Republic Law “On Property” shows that existing forms of remuneration, although mostly traditional and sustainable, however, it can be progressive and regulated by socio-labor relations.*

*In conformity with the author`s opinion, the relevant operation has moved away from the old system of income distribution and labor remuneration of and provides a transition to expansion of forms and ways of labor remuneration in relation to labor costs. In a nutshell, the author of the article comes to the conclusion that rapid industrialization of the economy requires regulation of socio-labor relations and expansion of forms and ways of labor remuneration in economic entities as well.*

Дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодӣ ва гуногунии истеҳсолоти минтақавӣ танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва тавсеаи шаклу усулҳои пардохти моҳнат таҳия намудани консепсияи махсусгардонии чуқури соҳаҳои тамоми иқтисодиётро тақозо менамояд. Бе консепсияи мазкур самараи дилхоҳ ба даст овардан имконнопазир аст.

Махсусгардонӣ шаклу усулҳои гуногуни пардохти меҳнат, самти истеҳсолот ва сохтори соҳавии минтақаҳо ва корхонаҳои мушаххаси иқтисодиро тавсиф менамояд.

Ин дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти минтақавӣ дахл дорад, алалхусус ба субъектҳои соҳибкорӣ, зеро маҳсулоти онҳо ба мисли пешина ҳам дар бозорҳои беруна ва ҳам дар дохили вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайри қобили рақобат боқӣ мемонанд.

Вазъияти мазкур, пеш аз ҳама, бо набудани даромад ва кам шудани ҳаҷми истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулот алоқаманд аст.

Сабаби асосии ин мавҷуд набудани ҷараёни такрористеҳсолкунии сармоя мебошад. Норасоии шадиди маблағҳои гардон ҳангоми афзоиши миқёси корношоям шудани фондҳои асосӣ ба мушоҳида мерасанд ва дар натиҷа паст шудани сатҳи пардохти меҳнат ва хориҷшавии қувваи корӣ ба вуҷуд меояд.

Аз аксарияти соҳаҳои иқтисодиёт қисми нисбатан соҳибхтисоси қувваи кории мардона меравад ва сафи муҳоҷирони меҳнатии хориҷиро пур мекунад. Дар айни замон қисми асосии қувваи кориро дар иқтисодиёти воқеӣ занон ва кӯдакони синни мактабӣ ташкил мекунанд. То 80% қувваи кории мардонаи фаъол дар ноҳияҳо ба Федератсияи Россия, Қазоқистон ва кишварҳои дигари ҷаҳон муҳоҷират кардaнд.

Рушди ҳама намудҳои иқтисодиёт чун соҳаҳои стратегии иқтисоди минтақавӣ навсозии ҷиддиеро, ки на танҳо дар заминаи ба даст овардани ҳаҷми назарраси истеҳсолот, андозаи пардохти меҳнат, балки ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ-экологии рушди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст, тақозо мекунад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ба вуҷуд омадани хоҷагиҳои хусусӣ ва коллективӣ асосан ба ду ҳолат вобаста аст:

- якум, дар тӯли ин солҳо дар таркиб ва сохтори иқтисодиёти ҷумҳурӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад, имкони васеъ кардани шаклҳо ва усулҳои пардохти меҳнат ба вуҷуд омаданд;

- дуюм, он бо афзоиши воридот аз кишварҳои дигари ИДМ алоқаманд аст, ки ин истеҳсолоти ватаниро аз даромад маҳрум кард.

Васеъ кардани шаклҳо ва усулҳои пардохти меҳнат мутобиқи муносибатҳои муносиби иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар хоҷагиҳои коллективӣ ва корхонаҳои хусусӣ баро баромадан аз бӯҳрон мусоидат мекунад.

Дар заминаи ташаккули хоҷагиҳои хусусӣ, коллективӣ ва иҷоравӣ тавсия дода мешавад, ки бо мақсади кам кардани сарбории андоз истеҳсолоти хурд ба роҳ монда шавад.

Рушди самараноки хоҷагиҳои коллективӣ ва хоҷагиҳои хусусӣ бояд ба принсипи фоидаи моддӣ тавассути васеъ кардани шаклҳо ва усулҳои пардохти меҳнат такя кунад. Афзоиши сатҳи умумии пардохти меҳнати кормандон дар иқтисоди воқеӣ ба 30-40% бояд ба сатҳи бахши молиявӣ мувофиқат намояд.

Барои шароити саноатикунонии босуръат мо васеъ кардани шаклҳо ва усулҳои пардохти меҳнатро пешниҳод менамоем, ки он дар зер инъикос шудааст.




*Расми 1. Амсилаи низоми пардохти меҳнат дар шароити саноатикунонии босуръат барои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо интихоби меъёрҳо, шаклҳо ва усулҳо)*

Ташаккули иқтисоди бозаргонӣ барои амалисозии фонди пардохт дар субъектҳои хоҷагидори хоҷагии воқеии минтақавӣ падидаҳои навро ба вуҷуд овард. Дар баробари низомҳо ва шаклҳои анъанавии низоми пардохти меҳнат, тавре ки қаблан қайд карда шуд, низомҳои нав пайдо шуданд, ки ба минбаъд пурра кардани баҳисобгирии хароҷоти хоҷагӣ ва худмаблағгузорӣ нигаронида шудаанд.

Алоқамандии мазкур хеле мураккаб ва пуртазод мебошанд. Он на танҳо аз механизми иқтисоди бозаргонӣ, балки аз хусусиятҳои меҳнати воқеӣ ва истеҳсолот низ вобаста хоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, дар аксарияти хоҷагиҳо номувофиқати байни давраи корӣ ва вақти истеҳсоли маҳсулот вуҷуд дорад, ки вобаста ба он натиҷаҳои ниҳоӣ (маҳсулоти умумӣ ва молӣ, даромади умумӣ аз тақсими даромад, фоида ва ғ.) аз давраи ба итмом расидани чараёни меҳнат дертар муайян мешаванд, аз ин рӯ, ин маҷбур мекунад, ки фонди пардохти меҳнат аз ду қисм - асосӣ ва иловагӣ ташкил карда шавад. Якум қисм барои кафолати мукофоти пардохти меҳнат вобаста ба миқдор ва сифаташ дар ҳаҷме, ки барои такрористеҳсоли меҳнат дар асоси ҳадди ақали зист зарур аст, пешбинӣ шудааст ва қисми дуюм, ки дар шакли пардохтҳои иловагӣ ва мукофотпулии гуногун амалӣ мешавад, ҳавасмандкунанда мебошад ва аз натиҷаҳои хотимавии истеҳсолот вобаста аст.

Хусусияти омехташавии пардохти асосӣ бо пардохтҳои иловагӣ ва мукофотпулӣ дар корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи манфиатҳои иқтисодӣ ва низоми пардохти меҳнат муайян карда мешавад, ки он дар навбати худ бо муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ танзим карда мешавад.

Дар ҷараёни истеҳсоли мошинӣ тақсимот ва кооператсияи меҳнат ба амал меояд. Табиист, ки ҳисоб кардани пардохти меҳнати кормандоне, ки истеҳсолоти асосиро хизматрасонӣ мекунанд, ғайримустақим ҳамкории мураккаби меҳнатро ифода мекунад. Маъмулан, робитаи мазкур дар кормандоне, ки корҳои ёрирасон ё марбутро иҷро мекунанд, зиёдтар зоҳир мешавад.

Дар аксарияти корхонаҳои минтақаи Суғд шакли корбайъи меҳнат ҳамчун пайванди мобайнӣ барои ҳисоб кардани қисми пешпардохти пардохт то пардохти ниҳоӣ барои маҳсулот ҳангоми истифодаи низоми аккордӣ-мукофотонии пардохти меҳнат аз даромади умумӣ, тақсими даромад истифода мешуд.

Вобаста ба ин, ба андешаи мо, зарур аст, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити саноатикунонии  босуръати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло анъанаҳои дар соҳаи идоракунӣ ва банақшагирии устувор надоранд, бояд ба нақшаҳои соддагардонидашудаи пардохти меҳнат дар субъектҳои хоҷагидорӣ ва фурӯши маҳсулоти он гузаранд.

Нишондиҳандаҳои аксарияти корхонаҳо далолат мекунанд, ки пардохти меҳнат дар иқтисодиёт нақши ҳавасмандгардонии худро пурра иҷро намекунад.

Аммо новобаста аз музди пасти  кормандони субъектҳои хоҷагидор, тафриқаи даромад дар байни категорияҳои гуногуни кормандони соҳа баландтарин аст.

Асоси танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар ташаккули пардохти меҳнат ва оқилона будани нақши бартаридоштаи шаклҳои ҷамъиятии азхудкунии ҷамъиятӣ дар ҷомеа инҳо мебошанд:

- дастгирии ягонагии меҳнат, моликият, идоракунӣ;
- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ, истифодаи эҳтиёткоронаи захираҳои моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ;
- мустаҳкам намудани асосҳои коллективӣ будани истеҳсолот;
- таъмини адолати иҷтимоӣ ҳангоми тақсими даромад.

Дар шароити  саноатикунонии  босуръат дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо андеша дорем, ки барои субъекти воқеии моликият дар шароити  саноатикунонии  босуръати иқтисод, мавқеи он ҳамчун соҳибмулк дар азхудкунии даромадҳо ва натиҷаҳои мустақими истифодаи онҳо, иштирок дар идоракунии истеҳсолот амалӣ карда мешавад. Ва муносибатҳои мутобиқи иҷтимоӣ-меҳнатӣ ташаккул меёбанд.

Ҳамин тавр, низоми пардохти меҳнат бо муносибатҳои оқилонаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар пардохти меҳнат дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат ба татбиқи ҳавасмандгардонии соҳибмулк (хусусӣ) дар асоси инфиродикунонии азхудкунӣ дар доираи шаклҳои гуногуни моликият асос меёбад.

Ҳангоми таҳлили васеъ гардонидани шаклҳо ва усулҳои пардохти меҳнат  дар субъектҳои хоҷагидории минтақа мо ба хулосаҳои зерин омадем:

- таҳлили низоми пардохти меҳнат бо муносибатҳои оқилонаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар пардохти меҳнат дар иқтисодиёти бисёрсоҳа дар асоси қонуни қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моликият» нишон медиҳад, ки шаклҳои мавҷудабудаи пардохти меҳнат, гарчанде ки аксаран анъанавӣ ва устувор мебошанд, бо вуҷуди ин метавонанд прогрессивӣ ҳисобида шаванд ва бо муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба танзим дароварда мешаванд;
- дар субъектҳои хоҷагидорӣ низоми пардохти меҳнат дар шакли пардохти  меҳнат  ва ҳавасмандгардонии меҳнат татбиқ карда мешавад. Барои таъмин намудани тақсими одилонаи даромад дар шакли пардохти меҳнат  бояд хусусиятҳои меъёрҳои меҳнат ва шаклҳои ҳавасмандгардониро муайян карда шаванд, дар ҳар хоҷагӣ низомномаи пардохти меҳнат таҳия карда шавад, ки бояд хусусиятҳои фаъолияти ҳар як гурӯҳи кормандонро бо назардошти шаклҳои ҳавасмандгардонӣ, риояи тахассуси низоми пардохти меҳнат  ба назар гирад.

Ин амал аз низоми кӯҳнаи тақсимоти даромад ва пардохти меҳнат тибқи баробаркунӣ дур шудан ва гузаришро ба васеъ намудани шаклҳо ва усулҳои пардохти  меҳнат дар робита бо хароҷоти меҳнат таъмин менамояд;

• дар саноат - пардохти меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхона бо арзиши бозаргонӣ амалӣ карда мешаванд;

• дар соҳаи кишоварзӣ - пардохти меҳнат ва ҳавасмандкунии меҳнат дар шакли арзиши мубодила амалӣ карда мешаванд

• дар корхонаи хусусӣ пардохти меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат аз рӯи натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот амалӣ карда мешаванд

• дар корхонаи коллективӣ - пардохти меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат аз рӯи натиҷаҳои меҳнат ва маҳсулнокӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёт инчунин танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва васеъ гардонидани шаклу усулҳои муздро дар субъектҳои хоҷагидорӣ тақозо мекунад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Яковлева, Т.Г. Эффективные системы оплаты труда. Как построить оплату труда, чтобы она стимулировала работников трудиться с максимальной отдачей/Яковлева Т.Г.-М.: Альфа - Пресс, -2006.-162с.
2. Якубов М.М. Социально-экономический механизм формирования эффективной системы оплаты деятельности трудового потенциалаи мотивации сотрудников банковской сферы на материалах ГСБ «Амонатбанк»: дисс. на соискание ученой степени кандидата экономических наук - Душанбе, 2017.-167с.
3. Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд – 2020. С.-11.
4. Исмоилов М.М. Моделирование процесса оплаты труда на промышленных предприятиях// Конференсияи илмӣ- амалии чумхурияви тахти унвони «Самаранокии иктисодии сохахои саноати металлургӣ ва наклиети дар Чумхурии Точикистон» (28 декабри соли 2019). -Бустон,2019.-С.29-34.
5. Исмоилов М.М. Оплата и стимулирование труда на промышленных предприятиях Таджикистана в рыночных условиях хозяйствования//монография. -Нашриети Худосон.-Хучанд .-2018. -144 с.


## REFERENCES


1. Yakovleva, T.G. Effective Salary Systems. How to Build Salaries so that it Stimulates Workers to Work with Maximum Efficiency / Yakovleva T.G. - M.: Alfa-Press, - 2006. – 162 p.
2. Yakubov M.M. Socio-Economic Mechanism Targeted at Formation of an Effective System of Remuneration Aimed at Labor Potential and Motivation of Banking Sector Employees on the Materials of SLB Entitled as “Amonatbank”: candidate dissertation in economics - Dushanbe, 2017. – 167 p.
3. Statistical Annual of Sughd Viloyat. Central Managerial Office of the Statistical Agency under Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat.- 2020. – p. 11.
4. Ismoilov M.M. Modeling the Remuneration Process at Industrial Enterprises // Materials of the republican scientific-practical conference under the title of “Economic Efficiency of the Metallurgical and Transport industries in Tajikistan Republic” (December 28, 2019). - Buston, 2019. – pp. 29 - 34.
5. Ismoilov M.M. Payment and Stimulation of Labor at Industrial Enterprises of Tajikistan under the Conditions of Market Management // monograph. – Khujand: Khuroson, 2018. -144 p.